**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАРОР

**Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ барои солҳои 2012-2015**

Бо мақсади иҷрои банди 3 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, №1021 "Дар бораи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкӣ ва Нақшаи чорабиниҳои татбиқи он тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Вазорату идораҳо дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мазкур лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро таҳия намуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

аз 3 апрели соли 2012 № 143
ш. Душанбе